**ХУЛОСАИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**13 сентябри соли 2025, №95**

Барои сазовор донистани Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 9 июни соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №67-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна 14.07.1973 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна соли 1995 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда соли 2000 донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (дипломи ДТО № 0106960) хатм намудааст.

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна соли 2013 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии мактабиёни хурдсол зимни анъанаҳои халқи тоҷик” дар шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон КОА –и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия таҳти роҳбарии академик Лутфуллозода Муҳаммад ҳимоя намудааст (ДКН №204424).

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна солҳои 1996-2002 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №13-и шаҳри Кӯлоб, солҳои 2002-2005 омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби таълимии томактабии “Лаёқат”-и шаҳри Душанбе, солҳои 2005-2009 омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35- и шаҳри Душанбе, солҳои 2009-2010 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоии Литсейи №55-и шаҳри Душанбе ва мутахассиси лабораторияи сифати таълими ДҶТИБКСМ,

солҳои 2010-2011 ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи директори Мактаби таҳсилоти умумии №27-и шаҳри Душанбе, солҳои 2011-2012 директори Мактаб-интернати №4-и шаҳри Душанбе, солҳои 2012-2013 ба ҳайси директори гимназияи хусусии “Ҳиммат”-и шаҳри Душанбе, солҳои 2013-2016 мутахассиси пешбари Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф, солҳои 2017-2021 мудири шуъбаи фанҳои риёзии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, солҳои 2021-2022 мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, солҳои 2022-2023 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 10.04 2023 то 05.10. 2023 иҷрокунандаи вазифаи муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ адои вазифа намудааст.

Аз 05 октябри соли 2023 инҷониб ба ҳайси дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна солҳои 2016-2020 дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Кори диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2017, № 02 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Лутфуллозода Муҳаммад – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академик, сармутахассиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Сабури Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав».

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар тақризи мусбати худ, аз 26 августи соли 2025, протоколи №1/1, ки онро раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ Ашурова Дилором, мудири кафедра, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Нарзуллоев Ҳ.С., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шомуродзода Ҳ.Р., котиби илмии ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Амирова Г.Г. имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, кори илмии баанҷомрасида буда, дар он дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки маҷмуан онҳоро ҳамчун дастоварди илмӣ, ки аҳаммияти иҷтимоӣ доранд, тавсиф кардан имкон дорад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада метавонанд дар рушди кишвар саҳмгузоранд.

Дар маҷмуъ, мавзуи диссертатсия аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ мубрам буда, натиҷаҳои он метавонанд дар такмили раванди анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ саҳми арзанда гузоранд. Саҳми шахсии муҳаққиқ Қаюмова Ҳ. Т. дар ин рисола ҳам дар таҳия ва татбиқи равишҳои нави тарбиявӣ, ҳам дар таҳлили назариявӣ ва коркарди таҷрибавии масъала, равшан, амиқ ва илмӣ асоснок гардидааст.

Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасаввуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллифро фароҳам меорад. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси талаботи Комиссия ва Дастурамал ба таври илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин бо мисолҳо ва ҷадвалҳо мустаҳкам шудаанд.

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада метавонанд дар рушди кишвар саҳм гузоранд.

Инчунин, қайд шуд, ки Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна довталаби дараҷаи илмӣ 30 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 21 номгӯйи мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Қаюмова Ҳ.Т. Моҳияти тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар дар сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.  / Ҳ.Т.Қаюмова //Паёми ПРМАТТ. – 2024. - №1(45). С.112-118.

[2-М] М.Лутфуллозода, Қаюмова Ҳ. Т. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули тарбияи ватандӯстӣ,сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас // М.Лутфуллозода,Ҳ.Т.Қаюмова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2025. №2(50). С.159-163.

[3-М]  Қаюмова Ҳ.Т. Мавқеи технология ва методҳои таълим дар ташаккули унсурҳои салоҳиятнокӣ. /Ҳ.Т.Қаюмова //. Паёми ПРМАТТ.  – 2021. - №1 (33).  С. 169-173.

[4-М] Каюмова Х.Т. Воспитание миролюбия у учащихся на примере народного творчества. Х.Т.Каюмова // Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. –2020. –№2 (45). С.15-17.

[5-М] Каюмова Х.Т. Произведения из наследия предков по миролюбия для учащихся./Х.Т.Каюмова // Известия Академии наук Республики Таджикистан (отделение общественных наук).  – 2014. – №3. – С. 58-61.

[6-М] Каюмова Х.Т. Когда в ответе родители. /Х.Т.Каюмова.//Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. – 2013. – №3(46). – С.175-176.

[7-М] Каюмова Х.Т. Воспитание толерантности у подростков/Х.Т.Каюмова // Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. –2013. –№2(51).– С.195-199.

[8-М] Каюмова Х.Т. Воспитание детей на традициях таджикского народа в современной педагогике. /Х.Т.Каюмова   // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени НосираХусрава (научный журнал).– Курган-Тюбе. – 2017.– 1-3(47). – С.133-137.

[9-М] Каюмова Х.Т. Воспитание толерантности у детей школьного возраста./Х.Т.Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. (научный журнал).– Курган-Тюбе. – 2017.– 1-4(49). – С.152-157.

[10-М] Каюмова Х.Т. Воспитание детей на традициях таджикского народа в духе миролюбия и патриотизма. /Х.Т.Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава

(научный журнал).–Бохтар. – 2018.– 1-1(51). – С.152-157.

[11-М] Каюмова Х.Т. Роль педагогического содружества в формировании нравственных установок младших школьников. /Х.Т.Каюмова// Вестник педагогического государственного университета им. С.Айни. –2018. –№5-2(77). – С. 41-45.

[12-М] Каюмова Х.Т. Педагогика толерантности как фактор формирования у учащихся начальных классов нравственных установок. /Х.Т.Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал). – 2018. 1-2 (53). – С. 93 - 97.

[13-М] Каюмова Х.Т. Педагогические основы воспитания подростков в духе миролюбия и патриотизма. /Х.Т.Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал) – 2018. – 1-3 (55). – С. 146 -151.

[14-М] Каюмова Х.Т. Формирование нравственных установок учащихся начальных классов в духе миролюбия, толерантности и патриотизма. / Х.Т. Каюмова // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 1. – С. 295-500.

[15-М] Каюмова Х.Т. Воспитание толерантности у учащихся./Х.Т.Каюмова //Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 4. – С. 233 - 237.

[16-М] Каюмова Х.Т. Труды выдающихся просветителей и мыслителей прошлого и народные традиции, посвященные нравственности. /Х.Т.Каюмова. // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 6.– С. 235-239.

[17-М] Каюмова Х.Т. Миролюбие и патриотизм– основа воспитания подростков. /Х.Т. Каюмова // Вестник Таджикского национального университета. – 2018.– № 8.– С. 218 - 222.

[18-М] Каюмова Х.Т. Педагогическое содружество в формировании нравственных установок младших школьников в Республике Таджикистана. /Х.Т.Каюмова // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал). – 2018.– 1-3 (55). – С. 103 - 106.

[19-М] Каюмова Х.Т. Традиции таджикского народа в современной педагогике. /Х.Т.Каюмова //Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 1. – С. 230-232.

[20-М] Каюмова Х.Т. Педагогика толерантного содружество как средство формирования у младших школьников нравственных качеств [Текст] /Х.Т.Каюмова //Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 2. – С. 241-246.

[21-М] Каюмова Х.Т. Воспитание подростков в духе толерантности,

миролюбия и патриотизма. /Х.Т.Каюмова //Вестник Института развития образования. – 2019.– № 2. (26) – С.46-51.

Аммо, сарфи назар аз бартариҳои зиёди он, дар раванди шиносоӣ бо кор чанд нуктае ба назар мерасад, ки метавонанд ҳамчун эрод пешниҳод шаванд:

1. Масъалаҳои зикршудаи дар бобои якум, бахшҳои тадқиқотии назариявӣ ва амалӣаз нав коркард шавад.

2. Дар рисолаи мазкур асарҳои арзишманди Пешвои муаззами миллат кам истифода шудааст ва аз назари илмӣ ба инобат гирифта шавад.

3. Ҷанбаҳои ҳукуқӣ ва фарогирии сиёсати давлатии тарбия камранг инъикос ёфтаанд, гарчанде мавзуъ ба самтҳои миллӣ ва давлатӣ иртиботи мустақим дорад.

4. Қисме аз тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушаххаси татбиқ дар муҳити таълимии кишвар тақвият дода шаванд, то таъсири амалиашон равшантар гардад.

5. Хулосаҳои бобҳои диссертатсия ба талаботҳои илмӣ - татқиқотй ҷавобгӯ нест.

6. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба чашм расид (дар саҳифаҳои 14, 15, 37, 80).

Бояд таъкид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба арзишу сатҳи илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақикӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” бо назардошти тамоми паҳлуҳои назариявӣ ва амалии таҳқикот таҳия гардида, бозгӯи амиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва заминаи асоснок барои таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ мебошад. Муаллиф ба таври возеҳ нишон додааст, ки истифодаи унсурҳои анъанавии тарбияи халқии тоҷикон - аз арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқй то таҷрибаи адабӣ ва педагогии гузашта - имкониятҳои васеи ташаккули сифатҳои ахлоқии ватандӯстӣ, сулҳпарварй ва таҳаммулпазириро фароҳам овардааст, ки ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмй», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Такризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 - 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шомуродзода Ҳасанҷон Рузибобо мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳ.Т. иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 монография, 2 дастури таълимӣ ва 30 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Гусейнова Татяна Владимировна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони муосири русии Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ). Муқарриз эрод надорад.

2. Раҷабов Тағоймурод Бобокулович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муқарриз қайд мекунад, ки матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест.

3. Мухаметов Гапур Бабаевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад.

4. Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз қайд мекунад, ки матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест.

5. Бозоров Хушвахт - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Муқарриз эрод надорад.

Муқарриз қайд мекунад, ки матни автореферат аз камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ холӣ нест.

6. Юлдошев Умарҷон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

Муқарриз қайд мекунад, ки матни автореферат аз камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ холӣ нест.

7. Абдулхолиқзода Лутфия Абдулхолиқ - доктори илмҳои педагогӣ, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз қайд мекунад, ки матни автореферат аз камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ холӣ нест.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 9 июни соли 2025, №67-ИҲ, тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- ба таври назариявӣ мафҳум, сохтор ва тавсифоти сифатии ҷузъиёти тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **таҳқиқ ва асоснок карда шуд**;

- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои “ватандӯстӣ”, “сулҳдӯстӣ” ва “таҳаммулпазирӣ**” таҳия карда шуданд;**

- шароити тарбияи босамари ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо далелҳои илмӣ **асоснок карда шудаанд;**

- афзалиятҳо дар амалисозии вазифаи педагогии тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **ошкор карда шуданд;**

- шароити педагогии таъминкунандаи тарбияи самаранок ва рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди тарбия **муайян карда шуд;**

- амсилаи раванд барои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **коркард ва татбиқ карда шуд**;

- сабабҳои монеъкунандаи рушди пурмаҳсул ва тарбияи шахсият - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва тавсиф намудани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо **ошкор карда шуд;**

- таҷрибаи педагогӣ, равишҳои назариявӣ ва методологӣ нисбат ба масъалаҳои тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мисоли анъанаҳои пурғановати педагогии халқи тоҷик **таҳлил ва таҳқиқ карда шуд**;

- муҳимтарин нуктаҳои мактаби муосир дар бораи зарурати навсозии муҳтаво, методҳо ва воситаҳои тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ **мушаххас ва таҳқиқ карда шуд;**

- тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси ҷамъбасти ғояҳои мазкур аз рӯйи асарҳои мутафаккирони гузашта ва таҷрибаи омӯзгорони навовари кунунӣ дар ҷиҳати тарбияи ахлоқии хонандагон **муайян гардиданд;**

- тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва сифатҳои волои инсонии ба он вобастабуда дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ **таҳлил карда шуд;**

- асосҳои педагогии ташаккул ва рушди ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс ва педагогикаи халқӣ дар педагогика ва таҳсилоти муосир **муайян карда шуд;**

- пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи ғояҳои педагогии классикони адабиёти тоҷику форс дар раванди тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва рушди шавқу рағбати онҳо ба анъанаҳои халқи тоҷик **таҳия карда шуд;**

- мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ **ошкор ва асоснок карда шуд;**

- роҳҳои бештар муассир ва воситаҳои кори тарбиявӣ, технологияи усулҳои ҳавасмандсозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои идроки арзишҳои ахлоқии анъанаҳои миллӣ **таҳия карда шуданд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- дар муносибати арзишӣ дар фаъолияти таълимӣ, ки ғояҳои он хусусиятҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули он **тавсиф мекунанд;**

- донишҳои илмӣ дар бораи анъанаҳои халқи тоҷик, тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асарҳои олимон **мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд;**

- муносибати аксиологӣ, ки имконият медиҳад дар кӯдак шуури арзишманди шахсро тарбия кунад, **омӯхта мешаванд;**

- Ақидаҳои олимону педагогон, мутафакирон ва олимону ходимони барҷастаи ҷамъиятии нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XIX дар тарбияи ватандӯстӣ ва сулҳпарварию таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик ҳамчун арзише дар ҷараёни фаъолияти якҷояи оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҷомеаи муосир мавриди таҳқиқ **қарор дода мешавад.**

- ақидаҳои педагогии мутафаккирони барҷаста ва анъанаҳои халқи тоҷик, тавсифномаҳои комили бо ҳам иртиботдошта **мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд;**

- ғояҳо ва ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ,таҳлил ва ҷамъбасти адабиёти равоншиносӣ,педагогӣ ва методӣ, усулҳои мушаххассозӣ, пешгӯӣ ва моделсозӣ **омӯхта мешаванд;**

- мавқеи муаллиф дар қаринаи ҷустуҷӯ ва дарёфти воситаҳои самаранок ва усулҳои муносиби тарбияи ғояи ахлоқӣ ва ақидаҳо нисбат ба ҷаҳони муосир дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ **исбот карда шудаанд;**

- заминаҳои педагогии тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бо назардошти шавқу рағбати ботинӣ, худмуайянкунӣ, худнамоӣ ва ҳадафмандӣ дар расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинигардида **ошкор карда шуданд;**

- тарзи гуфтори омӯзгор дар вазъияти интихоби шакл ва усулҳои мусбат ва анъанавии этнопедагогӣ бо мақсади дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ татбиқ намудани сифатҳои волои инсони хушахлоқ **муайян карда шудаанд;**

- амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидои ба талаботи вазъияти муосири иҷтимоию фарҳангӣ ҷавобгӯ буда **таҳия карда шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- таҳияи асосҳои назариявию методологии нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **таъмин мегардад;**

- истифодаи ҷанбаҳои мухтавоӣ ва техникӣ дар раванди таҳсилот оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъмини дониш ва маҳоратҳо, самаранокии раванди таълиму тарбия ба таври назаррас **баланд бардошта мешавад;**

- таҳияи тавсияҳо ва васоити таълимии татбиқгардида дар амалияи кори оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик **таъмин мегардад;**

- дар шуроҳои диссертатсионӣ баррасии диссертатсияҳо вобаста ба масъалаи мазкур беш аз пеш беҳтар гардида, риояи талаботи методологӣ ва расмӣ аз ҷониби унвонҷӯён , асосан**, таъмин мегардад;**

- асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмӯи муқаррароти назариявӣ ва амалӣ оиди тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар раванди дарс бо таҳлили омори математикӣ **таъмин мегардад;**

- тавсияҳои илмию методии таҳияшуда тасаввуроти унвонҷӯён ва магистрҳоро оид ба проблемаи мазкур **густариш медиҳанд;**

- омузиши ин раванд дар муносибат бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои нави таҳлили дидактикиро **фароҳам меоварад;**

- хусусияти ташаккули тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик ҳамчун назарияи фаъолияти муассисҳои таҳсилоти умумӣ **таъмин мегардад;**

- барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот **мусоидат менамояд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ташкили мақсадноки технологияи равандҳои китобдорӣ-библиографӣ ва васеъ намудани имкониятҳои қабул ва арзёбии селаи иттилоотӣ-ҳуҷҷатӣ ёрӣ расонида, ба ин васила, ба раванди таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ **мусоидат менамоянд;**

- бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофиқат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот **мусоидат менамояд;**

- ҷараёни тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асосӣ анъанаҳои халқи тоҷик **танзим карда мешаванд;**

- бо натиҷаҳои таҷрибаи омӯзишӣ, ки бо истифодаи воситаҳои самараноки санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст дар асоси баҳисобгирии маълумот оид ба тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба даст омадаанд **мусоидат менамояд;**

- истифодаи маҷмуи усулҳо, ҳадафҳо, вазифаҳои мувофиқ ба мавзуи таҳқиқот, такмили мутақобили методикаи таҳқиқот, такя ба амалияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти намояндагӣ дар интихоби омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми анкетакунонӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ **танзим карда мешаванд;**

- **м**уҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаи илмӣ-методӣ, дастур ва ҷузъаҳои алоҳида ба омӯзгорону мутахассисон **дастрас гардонида мешаванд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии Пажуҳишгоҳи рушди таҳсилоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, конференсияи илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, конференсияи илмии Донишгоҳи педагогии Москва, конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, филиалӣ давлатии донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе дар шакли маърузаи илмӣ **пешниҳод ва муҳокима гардиданд;**

- маводди таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд.

Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд **мавриди истифода қарор дода мешаванд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевоситаи** муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии маводи фактуалӣ барои рисола**, аз он ҷумла коркарди методологияи ҷамъ овардани фактҳо, методи коркарди натиҷаҳо, баҳогузории ба дараҷаи лозимӣ дуруст ва кофӣ будан барои анҷоми корҳо аз болои рисола;

- **чопи кардани мақолаҳои илмӣ** дар нашрияҳои аз тарафи КОА тавсияшуда; мавҷудияти мақолаҳои илмӣ дар маводҳои конференсияҳои мухталиф;

- **иҷрои корҳоии назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯи мавзуи таҳқиқотии рисола, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда, чорабиниҳои дурнамоӣ, ки барои бештар шудани самаранокии амалкунии он мусоидат мекунанд ва ғайра;

- **омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман бояд таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшаванда бо истифодаи усулҳои замонавии коркард ва шарҳи маълумотро тибқи технологияи компютерӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- **пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ ва муҳокима** ба шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзидааст.

Дар маҷлис аз 13 сентябри соли 2025, №95 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 13.09.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.